Ҳаргоҳ ба қазои ҳоҷат рафтед на рӯ ба қибла кунед на пушт ба қибла, балки рӯ ба тарафи шарқ ва ғарб кунед

Аз Абуаюби Ансорӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Ҳаргоҳ ба қазои ҳоҷат рафтед на рӯ ба қибла кунед на пушт ба қибла, балки рӯ ба тарафи шарқ ва ғарб кунед". Абуаюб гуфт: Чун ба Шом рафтем ҳоҷатхонаҳое дидем, ки рӯ ба қибла сохта шуда буданд ва чун вориди он мешудем худро аз тарафи қибла ба дигар тараф рӯй гардонда аз Аллоҳ Таъоло талаби мағфират мекардем.

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) касеро, ки қасди қазои ҳоҷат дорад наҳй кардааст, ки ҳангоми қазои ҳоҷат рӯ ё пушт ба қибла ва тарафи Каъба кунад, балки агар қиблааш монанди қиблаи аҳли Мадина бошад, рӯ ба тарафи шарқ ё ғарб кунад. Сипас Абуаюб (разияллоҳу анҳу) нақл кард, ки вақте онҳо ба Шом рафтанд дар онҷо ҳоҷатхонаҳоеро диданд, ки барои қазои ҳоҷат, рӯ ба сӯи Каъба сохта шуда буданд. Бинобар ин онҳо баданҳояшонро дар ҳоли қазои ҳоҷат аз самти қибла ба дигар тараф мегардонданд ва бо ин ҳол аз Аллоҳ талаби мағфират мекарданд.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/3078